# Тақриз

**ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Мазмун ва мундариҷаи таълими иқтисодӣ дар муттасилии фаъолияти литсей ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Диссертатсия ба яке аз масъалаҳои муҳими таълим мазмун ва мундариҷаи таълими иқтисодӣ дар муттасилии фаъолияти литсей ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Илми педагогика хеле пеш рафтаву донишмандон равишҳои нав ба нави таълимро пешниҳод намудаанд ва методҳои инноватсионии таълим аз ҷумлаи усулҳои муосири таълим аст, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи онро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба роҳ мондааст. Таълими иқтисодӣ дар муттасилии фаъолияти литсей ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ дар қатори дигар фанҳои таълимӣ бояд вобаста ба методҳои инноватсионии муосир таълим дода шавад. Дар диссертатсия мавзуъ ба таври васеъ ҳаллу фасл ёфта, фарзияҳои пешниҳодшуда бо мисолҳои мушаххас ва делелҳои муътамад асоснок карда шудаанд. Таҳияи рӯйхати адабиёт мувофиқи талаботи Низомномаи таҳияи диссертатсияҳои илмӣ буда, диссертатсия таҳқиқоти бaанҷомрасида ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия меъёрҳои баҳодиҳии дараҷаи дониши донишҷӯён ҳангоми роҳандозии таълими муттасилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба муҳаққиқ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта ҷавоб гӯяд. Таҳқиқоти илмии муҳаққиқ имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона ба таълим масъалаи ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши иқтисод зиёд гардида, тайёрии онҳо ба эҷодиёт,

талабот барои ҳосил намудани донишҳои нав ва эҳсоси мустақилӣ зиёд гардад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки ташкили муттасили таълим дар байни литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз тадбирҳое мебошад, ки барои зина ба зина дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисони оянда мусоидат менамояд.

Дар умум диссертатсия барои пешниҳод намудан ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқ буда, пас аз муҳокима дар шуъба ба ҳимоя тавсия намуда мешавад.

**Академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **И. Х. Каримова**

11. 09. 2024

**Тасдиқ мекунам: сардори шуъбаи кадрҳо** **М. Саидова**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ